# 6 ноябр

## Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон



**Устодон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Хурсандибахш ва рамзист, ки дар рӯбарӯи ҷашни бошукӯҳи 25-солагии Конститутсияи Тоҷикистон, ки арзишмандтарин дастоварди миллати фарҳангсолору тамаддунофари тоҷик дар замони соҳибихтиёрии миллӣ ба шумор меравад, боз як рӯйдоди муҳиму фараҳбахши ҳаёти кишвар - ҷашни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон роҳи басо пуршараф ва боифтихорро тай намуда, ба як боргоҳи бузурги донишу хирад табдил ёфтааст. Хизматҳои донишмандони ин боргоҳ дар тарбияи ҳуқуқшиносони варзида, кадрҳои баландихтисос, таълиму тарбияи ҷавонони кишвар дар рӯҳияи инсондӯстиву ватанпарварӣ басо назаррасанд.

Дастпарварони факултет дар пайравӣ аз ташаббусҳои созанда ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки масъулият ва ифтихори ватандорӣ дар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ баҳри таъмини адолату қонуният, таҳкими пояҳои давлати миллӣ, ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва баланд бардоштани боварии мардум ба ояндаи дурахшони кишвар софдилона хизмат карда истодаанд. Ифтихорманд аз онам, ки ман низ дастпарвари факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошам ва аз дарсу дониши устодони ин боргоҳ баҳравар гаштаам.

Боварӣ дорам, ки факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар оянда низ якҷо бо ҳайати профессорону омӯзгорони худ сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллатро сармашқи фаъолияти худ намуда, дар тарбияи насли ояндасози миллат саҳми босазо мегузоранд.

Шумо устодони гиромӣ, донишҷӯён ва намояндагони соҳаро бо ҷашни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон самимона шодбош гуфта, бароятон сиҳативу сарбаландӣ ва комёбиву пешравиро орзу менамоям.

*Бо эҳтиром,*

**Роҳбари**
**Дастгоҳи иҷроияи Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ**